# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Мувофиқи қарори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 01.02.2021 таҳти рақами №08, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо 30-юми апрели соли 2021 бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 110-солагии зодрӯзи устод Мирзо Турсунзода Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалиро таҳти унвони **«Мирзо Турсунзода ва кишварҳои Шарқ»** баргузор менамояд.

Мавзӯъҳои меҳварии Конференсия:

1. Мирзо Турсунзода ва масъалаҳои мубрами адабиёти муосири тоҷик;
2. Шинохти Мирзо Турсунзода дар кишварҳои хориҷӣ;
3. Нақши устод Мирзо Турсунзода дар ташаккули адабиёт ва фарҳанги муосири тоҷик;
4. Мирзо Турсунзода - ходими барҷастаи сиёсию ҷамъиятӣ;
5. Нақши устод Мирзо Турсунзода - мунодии сулҳ.

Маводҳои ирсолшуда бояд таҳрир ва ба талаботи техникии зерин ҷавобгӯй бошанд:

- саҳифаи А4, ҳошияҳо аз тарафи рост 3 см, аз тарафи чап 1,5 см, боло ва поён 2см;
- ҳуруфи шакли Times New Roman, Times New Roman Tj бо андозаи 14;
- сатри якум ҳарфи аввали ном ва номи падар, насаби муаллиф, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, ҷойи кор;
- сатри дуюм номи маърӯза БО ҲАРФҲОИ КАЛОН бо баробаркунии матн дар мобайни саҳифа;
- сатри сеюм матни асосӣ, ки дар таҳриргари матнии MS Word ҳуруфчинӣ шудааст, фосилаи байнисатрӣ - 1,5, баробаркунии матн бо паҳноии саҳифа, истифодаи ҳиҷобандии калимаҳо мумкин аст;
- рӯйхати адабиёт дар охири матн баъд аз калимаи “Адабиёт” оварда шуда, бо тартиби алифбо омода карда шавад;
- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда, ба таври [намуна:3, с.25] омода карда шавад, ки дар он ҷо рақами аввал рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт ва рақами дуввум саҳифаи он бояд бошад;
- ҳаҷми матни маърӯза бо расм, ҷадвал ва рӯйхати адабиёт набояд аз 6 саҳифа зиёд бошад;
- забони кории конференсия: тоҷикӣ ва русӣ;
- хароҷоти сафар ва будубоши иштирокчиёни конференсия ба уҳдаи худи онҳо аст;
- ашхосе, ки имконияти омадан надоранд, метавонанд тибқи талаботҳои ироагашта мақолаҳояшонро пурра таҳрир, омода ва ирсол намоянд;

- маводи конференсия дар шакли маҷмӯаи мақолаҳо ба табъ мерасад. Интихоб ва қабули мақолаҳо ба ухдаи ҳайати илмии конференсия аст;
- Нишонии электронӣ барои ирсол кардани мақолаҳо: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk ё мустақиман ба суроғаи кумитаи тадорукот ирсол намоед;
- Охирин муҳлати қабули матни маърӯза 15-уми апрели соли 2021.
- Макони баргузории Конференсия: Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Суроғаи мо: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо.
Телефон барои тамос: (992 372) 221-03-31. 221-04-77. 919-29-31-05